«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________________ Шарифзода М.М.
«_15_» _марти соли_ 2023

# ХУЛОСАИ
## муассисаи тақриздиҳанда ба рисолаи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

Мувофиқи суратҷаласаи № 24 ҷаласи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 035 барои ҳимояи рисолаҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон амал мекунад, аз 19 январи соли 2023 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муассисаи пешбар таъйин гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исуфов Шердил Ватанович ба яке аз масъалаҳои муҳим – хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшида шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат менамояд ва он дар ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи рисола аъзоёни кафедра – 3 нафар доктори илмҳои таърих, профессор, 7 нафар номзади илмҳои таърих, дотсент, 2 нафар муаллими калон ва 6 нафар муаллимон иштирок намуданд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Ғаффорӣ Н.У. омода гардидааст,

иброз менамояд, ки рисолаи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳамияти калони илмию назариявӣ дорад.

**Мубрамияти мавзӯи** таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ оид ба масъалаи ҳаёти хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст ва рисолаи мазкур дар ин самт аввалин кӯшише мебошад, ки дар он корнамоии сокинони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ инъикос карда шудааст. Инчунин, омӯзиши таҷрибаи фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар шароити душвори замони ҷанг, метавонад дар муайян намудани роҳҳо ва усулҳои сафарбар кардани захираҳои дохилии истеҳсолӣ, истифодаи усулҳои гуногуни навоварӣ ва сонияи, таъсири танзими давлатӣ ба соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ хизмат намояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** омӯзиши ҳамаҷонибаи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) мебошад.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил медиҳад.

**Мавзӯи (предмети) таҳқиқоти рисола** – омӯзиши хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад, ки дар муқоиса бо дигар манотиқи ҷумҳурӣ дар самти рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ хусусиятҳои махсуси худро дорад.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқотро** ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, нашрияҳои ВАО, асарҳо, китобҳо ва мақолаҳо оид ба мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар рисола ҳамзамон аз маводҳои Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб ба тариқи васеъ истифода бурда шудааст. Инчунин, муаллиф аз маводҳои сомонаи расмии Агентии бойгонии федералии Россия, маводи матбуоти даврӣ ва сомонаҳои интернетӣ низ истифода намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи вазъи рушди кишоварзии вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо истифода аз сарчашмаю адабиёти муътамад мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуда, дар он ба вазъи соҳаи хоҷагии қишлоқ дар ин минтақа баҳои воқеъӣ дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** пеш аз ҳама дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми рисола**. Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, мақсад ва ҳадафи омӯзиш, объект ва предмети таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологии он, микёси ҳудудии таҳқиқот, навгонихои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, арзишмандии мавзуъ ва асосҳои методологии таҳқиқот нишон дода шудааст.

Боби якуми рисола **«Сафарбаркунии хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби аввал **«Вазъи хоҷагии деҳоти вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** ном дорад, ки дар он хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ баррасӣ гардидааст.

Диссертант менависад, ки натиҷаи муҳимтарини фаъолияти меҳнатии колхозҳои мавҷудаи вилоят дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ афзоиши маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан, истеҳсоли ғалла буд. Чорводорӣ низ яке аз соҳаҳои калонтарин ва асоситарини хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб ба ҳисоб мерафт.

Ҳамин тариқ, дар арафаи ҷанг технологияи кишоварзӣ такмил ёфт, ҳосили умумӣ боло рафта, колхозчиёни вилояти Кӯлоб дар дар ташкили базаи пурқуввати истеҳсолоти кишоварзӣ саҳми босазо гузоштанд.

Дар зербоби дуюми боби аввал **«Чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии қишлоқ»** баррасӣ гардидааст.

Дар рисола зикр гардидааст, ки пеш аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар вилояти Кӯлоб ба раванди таъсис ва таҳкими заминаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст. Мувофиқи сарчашмаҳои бойгонӣ то 1-уми июни соли 1942 дар Кӯлоб 8 адад ПМТ фаъолият мекарданд. Хулоса новобаста ба он ки вориди техникаи кишоварӣ бо оғози ҷанг ба ҷумҳурӣ, аз ҷумла, дар вилояти Кӯлоб низ кам гардида бошад ҳам, меҳнаткашони вилоят техникаҳои мавҷударо дуруст ва эҳтиёткорона нигоҳ дошта, истифода мебурданд.

Дар зербоби сеюми боби якуми рисола **«Масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ»** муаллифи рисола зикр менамояд, ки аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Кӯлоб бо мушкилот зиёд рӯ ба рӯ гаржид, зеро бо сафарбаркунии мардони қобили меҳнат ба фронт вазъи таъмини хоҷагии қишлоқ бо кадрҳои механизаторӣ, махсусан, тракторчиён ва комбайнчиҳо мураккаб гардид. Дар маҷмӯъ, соли 1942 вилояти Кӯлоб дар масъалаи омоданамоӣ ва омӯзонидани кадрҳои хоҷагии қишлоқ ба муваққиятҳои назаррас ноил гардид.

Хулоса, масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ ва ҳалли масъалаҳои омоданамоии мутахассисони хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама, маблағҳои муайян, захираҳои бузурги инсонӣ ва табииро талаб мекард.

Дар боби дуюми рисола **«Сахми кишоварзони вилояти Кӯлоб барои ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** нақши меҳнаткашони вилоят барои ғалаба дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон дода шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Мубориза меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа»** сухан дар бобати саҳми меҳнаткашони вилоят дар таъмин намудани фронт бо маҳсулоти хоҷагии қишлоқ меравад. Қобили зикр аст, ки муаллифи рисола дар ин зербоб ба ин нукта дуруст ишора фармудааст, ки дар вилояти Кӯлоб аз рӯзҳои

аввали ҷанг дар ҳама нуқтаҳои аҳолинишин, дар колхозҳо ва совхозҳо барои сафарбар намудани тамоми захираҳои мавҷуда ҳамоишҳо ва маҷлисҳо аз ҷониби меҳнаткашон гузаронида мешуданд. Умуман, дар давоми солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз вилояти Кӯлоб зиёда аз 50 ҳазор нафар ба ҷабҳаҳои ҷанг сафарбар карда шуданд. Дар як муддати кӯтоҳ тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ супоридани маблағ ба фонди мудофиа авҷ мегирифт. Масалан, дар нимсолаи якуми соли 1943 меҳнаткашони вилояти Кӯлоб ба фонди мудофиа ва ноҳияҳои аз фашистон озодшуда 12 157 пуд ғалла ва барои сохтмони колоннаи танкии «Колхозчии Тоҷикистон» зиёда аз 11 миллион сӯми нақд ва заём супориданд. Ба ғайр аз ин дар вилоят барои ҷанговарон 6243 ҷуфт ҷӯроби пашмӣ, 3493 дастпӯшакҳои пашмӣ омода намуда буданд. Яъне, сокинони вилоят барои ҳимояи Ватан ва мағлуб кардани фашизм ҳеҷ чизро дареғ намедоштанд ва то анҷоми ҷанг ба фронт лавозимоти заруриро барои ғалаба мефиристоданд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола **«Корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ»** муаллиф махсус таъкид намудааст, ки маҳсулоти кишоварзии вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ то андозае ниёзҳои артиш ва ақибгоҳро бо маводи ғизоӣ таъмин менамуданд. Дар ин ҷода колхозҳо фаъолияти худро тибқи вазъити ҳарбӣ ба роҳ монда, ба кори истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмин намудани талаботи аҳолии осоишта ва ҷанговарон тамоми қувваашонро равона намуда буданд. Тавре ки аз рисола бармеояд, меҳнаткашони вилоят вазифаи худро дар назди Ватан иҷро намуда, тавонистанд барои артиш ва саноат намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, хӯрокворӣ ва ашёи хомро тавлид намоянд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм **«Ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ»** вазъи фарҳангии вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ инъикос ёфтааст. Дар рисола ба ин нукта ишора гардидааст, ки новобаста ба мушкилиҳои замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ маориф ва маданияти вилояти Кӯлоб дар ҳолати рушду

нумӯъ қарор дошт. Дар вилоят дар баробари мактабҳо, инчунин, як қатор ятимхонаҳо, боғчаҳо ва мактаб-интернатҳо ташкил карда шуданд. Омӯзгорони вилоят ба душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ нигоҳ накарда, дар кори таълиму тарбияи насли наврас ба комёбиҳои калон ноил гардиданд. Муаллифи рисола дуруст қайд намудааст, ки фаъолияти аҳли фарҳанг ва муассисаҳои фарҳангӣ дар давраи ҷанг ба кори мубориза бо душман мувофиқ карда шуд. Аз ин рӯ, китобхонаҳо, осорхонаҳо, қасрҳои фарҳангӣ, клубҳо ва муассисаҳои дигари маданӣ-равшаннамоӣ фаъолияти кории худро ба давраи ҷангӣ мутобиқ намуда, кӯшиш мекарданд, ки саҳми худро дар муборизаи халқи шӯравӣ барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан гузоранд.

**Дар хулоса** муаллиф мавзӯи рисоларо натиҷагирӣ намуда, оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои умумии тадқиқот ҷамбаст гардида, пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои қобили қабул намудааст. Автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои рисолаи диссертатсиониро пурра инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар рисола пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ - методологӣ моҳияти навгонӣ дошта, онҳо аз лиҳози назариявӣ асоснок карда шудаанд.

Сохтор ва муҳтавои асосии рисолаи докторант Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» тибқи талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, ҷавобгӯи муққарароти муайяншуда буда мебошад. Мазмуни автореферат бо рисола комилан мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ оид ба мавзӯи рисолаи илмии худ 18 мақола, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп намудааст, қобили таҳсин аст.

Дар баробари дастовардҳо ва муваффақиятҳо дар рисолаи мазкур ба назари мо баъзе камбудию норасоиҳои ҷузъӣ дида мешаванд:

1. Маълум аст, ки дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшҳои муҳимтарини кишоварзии вилояти Кӯлоб пахтакорӣ, пиллапарварӣ ва чорводорӣ буданд. Хуб мешуд, ки ин масоил дар зербобҳои алоҳида таҳқиқу баррасӣ мешуданд.
2. Ба назари мо муаллифи диссертатсия ба масъалаи низоми обёрӣ, ки пешравии кишоварзӣ ва афзун гардонидани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бештар аз он вобастагӣ дошт, камтар таваҷҷӯҳ намудааст.
3. Дар матни рисола маводҳои бойгонӣ ва манбаҳои таърихӣ фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд, вале на ба ҳамаи онҳо нуктаи назари муаллиф баён шудаанд.
4. Дар матни рисола камбудиҳои техникию имлоӣ низ ба назар мерасанд.

Аммо, эродҳои зикршуда тавсиявӣ буда, қимати илмии рисолаи мазкурро кам намегардонанд, онҳоро муаллиф метавонад ҳангоми ба нашр расонидани монография бартараф намояд.

Хулоса, рисолаи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» ба тамоми талабот ва меъёрҳои муқаррар намудаи низомнома ва бандҳои 31-37-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Исуфов Шердил Ватанович – сазовори дарёфти илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Тақризи мазкур дар дар ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон санаи 13-уми марти соли 2023 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» - 18;

«муқобил» - нест;

«бетараф» - нест.

Суратҷаласаи кафедра № 8 аз 13 марти соли 2023.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳомидзода Ф.М.**

**Ташхисгар:**
**мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Ғаффорӣ Н.У.**

**Котиби ҷаласа:** **Дӯсматова М.Т.**

**Имзоҳои докторони илмҳои таърих, профессорон Ҳомидзода Ф.М., Ғаффорӣ Н.У., котиб Дӯсматова М.Т.,- ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд. микрорайони 17, хонаи1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru .